Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 26 » феврали соли 2026, № 73

# НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040 ДАР СОЛҲОИ 2026-2030

| т/р № | Тадбирҳои асосӣ | Чорабиниҳои мушаххаси таъсиррасонӣ | Нишондиҳандаҳои самарабахшӣ (индикаторҳо) | Муҳлати иҷро (солҳо) | Иҷрокунан-дагон |
|---|---|---|---|---|---|
| **1. ТАКМИЛИ ТАДБИРҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДА ВА ЗАМИНАҲОИ ПЕШГИРИИ БАРВАҚТИИ ЭКСТРЕМИЗМ** | | | | | |
| 1 | Тақвияти таъминоти иттилоотию методии пешгирии экстремизм | 1) Таҳия ва пешниҳод намудани дастурҳо оид ба тарзу усулҳои самаранок ба роҳ мондани тадбирҳои профилактикӣ дар байни категорияҳои гуногуни аҳолӣ барои кормандони ниҳодҳои давлатӣ, худидоракунии шаҳраку деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ | 1.1. Миқдори дастурҳои тавсиявӣ<br>1.2. Мавҷудияти дастурҳо барои корбарӣ бо ҳар як категорияи аҳолӣ, аз ҷумла категорияҳои осебпазир<br>1.3. Мавҷудияти дастурҳои алоҳида барои ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, МИМҲД дар ҳамкорӣ бо ИҶ ва шарикони рушд |
| | | 2) Таҳия ва дастрас намудани Роҳнамо вобаста ба мазмуну моҳият ва талаботи қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм, мафҳум ва талаботҳои дар ин соҳа истифодашаванда, умумият ва фарқияти онҳо барои кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳои маориф, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, имомхатибон ва рӯзноманигорон | Таҳия ва мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифтани Роҳнамо | 2026 | ПГ, ВКД, КДАМ, ММҚ, дар ҳамкорӣ бо ИҶ ва шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | 3) Таҳия намудани барномаҳои намунавии идоравӣ ва маҳаллии пешгирии экстремизм ва терроризм барои солҳои 2026-2030 | Мавҷудият ва мавриди истифода қарор доштани барномаҳои намунавӣ | 2026 | ПГ дар ҳамкорӣ бо ИҶ ва шарикони рушд |
| | | 4) Ба таври даврӣ ва дар алоҳидагӣ мавриди арзёбӣ ва таҳлил қарор додани самаранокӣ ва таъсирбахшии тарзу усулҳои аз ҷониби мақомоти мушаххаси давлатӣ истифодашавандаи чорабиниҳои профилактикӣ, коркарди тавсияҳо оид ба беҳтар намудани самаранокии онҳо | Миқдори таҳлилҳо ва тавсияҳо | Мунтазам | ПГ дар ҳамкорӣ бо ИҶ ва шарикони рушд |
| | | 5) Бо курси махсуси такмили ихтисос фаро гирифтани хизматчиёни давлатие, ки ба самти пешгирии экстремизм ва терроризм масъуланд | Шумораи кормандони бо курси махсус фарогирифташуда | Мунтазам | АХД, АИД |
| | | 6) Баргузор намудани семинар-тренингҳо бо намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизион, радио ва матбуоти даврӣ оид ба заминаҳои муқовимат ба эастремизм ва терроризм, равандҳои нави зуҳуроти экстремизм ва тарзу усулҳои муосири мағзшӯӣ, хусусиятҳои таҳия ва пахши барномаҳои навмазмун, таҳияи видеонаворҳо ва аудиосабтҳои кӯтоҳи зиддиэкстремистӣ дар ин самт | 6.1. Миқдори семинар-тренингҳо<br><br>6.2.Теъдоди видеонаворҳо ва аудиосабтҳои кӯтоҳ | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, ВФ, КТР, МИМҲД |
| | | 7) Таҷдиди назар намудани мазмуну муҳтавои барномаҳои театрикунонидашуда ҷиҳати бо ин барномаҳо фаро гирифтани равандҳои нави экстремизм, тарзу усулҳои муосири мағзшӯӣ ва оқибатҳои ногувори экстремизм | Шумораи барномаҳои навмазмуни театрикунонидашуда | Мунтазам | ВФ, КТР |
| | | 8) Таъмини дастрасии китобхонаҳои минтақавӣ, маҳаллӣ ва китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ бо адабиёти тозанашр, шабакаи интернет ва китобхонаҳои марказии | 8.1. Миқдори китобхонаҳои бо адабиёти тозанашр таъминшуда<br>8.2. Теъдоди китобҳои | Мунтазам | ВФ, ВМИ, МИМҲД |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | электронӣ | тозанашри барои истифода дастрасшуда<br>8.3. Миқдори китобхонаҳои бо шабакаи интернет ва китобхонаҳои маркази электронӣ пайвастшуда | | |
| 2. | Таҳкими заминаҳои ташкилӣ ва ниҳодии пешгирии экстремизм | 1) Бо омӯзиши амалияи вобастакунонии вазифаҳо оид ба иҷрои сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгириии экстремизм ва терроризм дар мақомоти давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани пешниҳод оид ба муносибати ягона дар муайян намудани доираи шахсони мансабдор ва сохторҳо доир ба ин масъала масъул дар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 1.1.Анҷом ёфтани омӯзиши амалияи вобастакунонӣ дар ин самт<br>1.2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидани пешниҳод | 2026 -2027 | ПГ |
| | | 2) Таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати пахши иттилооти тоза, фаъол ва таваҷҷуҳангез доир ба масъалаи пешгирии экстремизм ва терроризм дар сомонаҳои расмии субъектҳои иҷрои Стратегия, воситаҳои ахбори марказӣ ва маҳаллӣ | 2.1. Амалан таҳия ва пешниҳод шудани тавсияҳо<br>2.2. Дар сомонаҳои расмӣ ва ВАО пахш гардидани иттилооти навмазмун | 2026-2030 | ПГ, ВКД, КДАМ ва СМЭТ |
| | | 3) Васеъ намудани доираи фаъолияти Ҷамъияти «Дониш» ҷиҳати фаро гирифтани ташкили чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ бо иштироки коршиносону мутахассисони баландихтисос доир ба масъалаҳои пешгирии экстремизм | 3.1 Роҳандозӣ гардидани чораҳои ташкилӣ ҷиҳати васеъ намудани фаъолияти Ҷамъияти «Дониш» дар ин самт<br>3.2.Миқдори чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ бо иштироки коршиносону мутахассисони соҳа | 2026-2027 | ВА |
| | | 4) Тартиб додани махзани маълумот, ном, насаб, номи падар ва суроғаи коршиносону таҳлилгарон дар соҳаи пешгирии экстремизм ва терроризм, аз ҷумла дар сатҳи маҳал, мунтазам ба чорабиниҳои таҳлилӣ ва ташвиқотӣ ҷалб | 4.1. Мавҷудияти рӯйхати электронии коршиносону таҳлилгарон<br>4.2. Шумораи коршиносону мутахассисони ба чорабиниҳо | 2026-2027 | ПГ якҷо бо ИҶ, ташкилотҳои байналмилалӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | кардани онҳо | ҷалбшуда | | |
| | | 5) Ҳамаҷониба, бахусус аз лиҳози молиявӣ дастгирӣ намудани Гурӯҳҳои машваратӣ оид ба пешгирии экстремизм дар маҳалҳо | Тадбирҳои андешидашуда оид ба таъминот бо бино, шароитҳои кор ва маблағҳои ҷудошуда | Мунтазам | МИМҲД |
| | | 6) Баргузор намудани семинарҳои омузишӣ доир ба мазмун, моҳият ва тадбирҳои дар сатҳи маҳал амалӣ намудани Стратегия бо масъулини иҷрои он ва гурӯҳҳои машваратӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия | Миқдори шаҳру ноҳияҳои бо семинарҳо фарогирифташуда | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, МТС, МИМҲД бо ҷалби коршиносони соҳа ва шарикони рушд |
| 3 | Таъминоти илмию таҳлилии фаъолият дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм | 1) Вусъат додани таҳқиқотҳои илмӣ доир ба масъалаҳои марбут ба экстремизм ва терроризм, дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ инъикос кардани хулоса ва таклифу пешниҳодҳо аз натиҷаи таҳқиқот, ба субъектҳои бевосита ба экстремизм ва терроризм муқовиматкунанда ҷиҳати арзёбӣ ва додани хулоса оид ба судмандӣ барои амалия пешниҳод кардани матни лоиҳаи рисолаҳо | 1.1. Шумораи таҳқиқотҳои илмӣ (мақолаҳо, монографияҳо, рисолаҳои хатмкунӣ, номзадӣ, докторӣ ва ғайра)<br>1.2. Шумораи хулоса ва таклифу пешниҳодҳо аз натиҷаи таҳқиқот, ки дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ инъикос карда шудаанд<br>1.3. Миқдори рисолаҳои барои додани хулоса ба субъектҳои бевосита ба экстремизм ва терроризм муқовиматкунанда пешниҳодшуда | Мунтазам | ВМИ, КОА, АИД, АМИ, ДМТ,МТС, ДИТ, ММҚ, ВФ, КТР, МИМҲД |
| | | 2) Мунтазам роҳандозӣ намудани таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва равонӣ оид ба равандҳои экстремизм, дараҷа, сабаб ва манбаҳои тундгароӣ | Амалан роҳандозӣ гардидани таҳқиқотҳо | мунтазам | МТС, ВТҲИА, МИМҲД, ИҶ ва шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2. ТАҚВИЯТИ НАҚШИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДОГОҲӢ ВА ТАФАККУРИ ЗИДДИЭКСТРЕМИСТИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН** | | | | | |
| 4 | Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва ба хонандагону донишҷӯён додани донишҳои муосир | 1) Таҷдиди назар намудани стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимӣ, ворид намудани воҳидҳои нави кории омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, баланд бардоштани сифат, пеш аз чоп аз ташхиси илмӣ гузаронидан ва аз маводи дорои хусусияти хурофотии динӣ, экстремистӣ ва зиддимиллӣ тоза намудани китобҳои дарсӣ, таҳияи маводи муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, усулҳои навини омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон дар низоми таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ | 1.1. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тасдиқи стандартҳои нави таълимӣ<br>1.2. Миқдори нақша ва барномаҳои таълимии таҷдидшуда<br>1.3.Шумораи воҳидҳои кории иловагии воридшудаи омӯзгорони забонҳои хориҷӣ<br>1.4.Шумораи маводи муосири таълимии таҳияшуда<br>1.5. Ҳиссаи муассаҳои таълимие, ки аз технологияҳои рақамӣ ва усулҳои нави забономӯзӣ истифода мебаранд<br>1.6. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ ва ташхиси илмии онҳо то нашр | 2026-2027 | ВМИ, ВМ, АИТР, МИМҲД |
| | | 2) Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ дар зинаи таҳсилоти олӣ | Нишондиҳандаҳои рушди сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон, таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва ҳамкориҳои байналмиллалӣ дар зинаи таҳсилоти олӣ | Мунтазам | ВМИ, ВТҲИ, АИТР, МИМҲД |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3) Баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон ва устодон оид ба саводи расонаӣ, амнияти рақамӣ ва ҳассосияти гендерӣ, ворид намудани модулҳои дахлдор ба барномаҳои факултетҳои педагогӣ | 3.1. Ҳиссаи омӯзгороне, ки бо курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд<br>3.2. Теъдоди факултетҳои педагогӣ, ки дар онҳо тибқи модулҳои дахлдор машғулият гузаронида мешавад | Мунтазам | ВМИ |
| | | 4) Роҳандозӣ намудани машғулиятҳо, аз ҷумла дар шакли «Дарси устодӣ» (Мастер-класс) бо шунавандагони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф доир ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм | 4.1. Миқдори машғулиятҳо ва омӯзгорони ба онҳо ҷалбшуда<br>4.2. Баланд гардидани донишҳои кормандони соҳаи маориф дар соҳаи пешгирии экстремизм ва терроризм | Мунтазам | ПГ, ВМИ, ДҶТИБКСМ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ бо ҷалби коршиносони соҳа |
| | | | | | |
| 5 | Тақвияти нақши муассисаҳои таълимӣ дар пешгирии экстремизм | 1) Таҳия ва амалӣ намудани Маҷмӯаи таълимию методӣ оид ба пешгирии экстремизм барои ҳама зинаҳои таҳсилот, ки маводи мутобиқсозишударо барои мактабҳо, коллеҷҳо донишкадаҳо ва донишгоҳҳо бо дарназардошти ҷанбаи гендерӣ дар бар мегирад. Аз ҷумла:<br>**- дар зинаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ:** ҷорӣ намудани модулҳои саводи расонаӣ ва тафаккури таҳлилӣ барои синфҳои 1-4, аз ҷумла қоидаҳои рафтори бехатар дар интернет ва малакаҳои шинохти иттилооти бардурӯғ;<br>- **дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ:** ворид намудани курси ҳатмии «Маърифати шаҳрвандӣ ва пешгирии экстремизм» барои синфҳои 7-11, ки ба ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ, фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва устуворӣ нисбат ба ривоятҳои ифротгароӣ равона мегардад;<br>- **дар зинаи таҳсилоти олӣ:** ҷорӣ намудани | 1.1.Таҳия ва тасдиқ гардидани Маҷмуаи ягонаи таълимию методӣ<br>1.2.Таҳия ва амалӣ гардидани модулҳо барои синфҳои 1-4<br>1.3. Ворид намудани курси «Маърифати шаҳрвандӣ ва пешгирии экстремизм» барои синфҳои 7-11<br>1.4. Ҷорӣ намудани фанҳои интихобӣ «Пешгирии экстремизм», «Муколамаи байнифарҳангӣ» , «Гендер ва амният» дар ҳама донишкадаву донишгоҳҳо<br>1.5. Миқдори муассисаҳои таълимие, ки модулҳо, курсҳо ва фанҳои интихобиро ҷорӣ намудаанд | 2027-2030 | ВМИ, АМИ ДМТ, КҶВ, ПГ бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | фанҳои интихобӣ «Пешгирии экстремизм», «Муколамаи байнифарҳангӣ» «Гендер ва амният» дар ҳама донишкадаву донишгоҳҳои кишвар, таъсиси клубҳои донишҷӯён ва ҷамъиятҳои илмӣ дар соҳаи пешгирии экстремизм;<br>- **падару модарон ва ҷомеа**: таъсиси механизмҳои ҳамкории мунтазам байни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва падару модарон дар доираи барномаҳои пешгирикунандаи экстремизм (сессияҳои муштарак, клубҳои мубоҳисавӣ ва ғайра). | 1.6. Тағйироти сатҳи саводи расонаӣ<br>1.7. Коҳиши осебпазирии ҷавонон аз таблиғоти экстремистӣ | | |
| | | 2) Таъсиси марказҳои таҳқиқотӣ ва таълимӣ оид ба пешгирии экстремизм дар назди донишгоҳу донишкадаҳо | Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олие, ки дар назди онҳо марказҳои номбурда таъсис дода шудаанд | 2026-2028 | ПГ, ВКД, ВМИ |
| | | 3) Ҷалби муҳаққиқон ва устодон - омӯзгорони ватанӣ ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ дар лоиҳаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ доир ба пешгирии экстремизм | 3.1. Миқдори муҳаққиқон ва устодони ватании ба лоиҳаҳо ҷалбшуда | Мунтазам | Ҳама СМЭТ |
| | | 4) Баргузор намудани озмунҳои «Мақолаи беҳтарин» ва «Беҳтарин видеонавор» доир ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар байни наврасону ҷавонон ва ҳавасманд гардонидани онҳо | 4.1 Шумораи озмунҳо<br>4.2. Миқдори муаллифони ҳавасмандгардонидашуда | Мунтазам | КҶВ, ВМИ, МИМҲД |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 6 | Ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил, пешгирии қонунвайрон-кунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон | 1) Қотеъона пайгирӣ ва назорат намудани риояи қонун ва ҳуқуқу манфиатҳои хонандагону донишҷӯён дар мавриди қабул ва хориҷ намудан аз муассисаҳои таълимӣ, сифати таълим, шаффофияти имтиҳонҳо, тақсимоти квотаҳо, ситонидани маблағҳои пулӣ ва ғайра дар муассисаҳои таълимӣ | 1.1. Шумораи тадбирҳои санҷишию назоратӣ<br>1.2. Ҷиддан беҳтар гардидани риояи ҳуқуқу манфиатҳои хонандагону донишҷӯён | Мунтазам | ПГ, ВМИ, ММТ |
| | | 2) Таъмини риояи бемайлони қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» | 2.1..Миқдори чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратию санҷишӣ дар ин самт<br>2.2..Миқдори қонунвайронкуниҳои ошкоршуда ва чораҳои андешидашуда | Мунтазам | ВМИ, ВКД, ПГ, КҶВ, МИМҲД |
| | | 3) Мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор додани ноболиғон аз оилаҳои осебпазир, аз таҳсил дурмонда, давомоту дониши сустдошта, ба кору фаъолияти муайяни фоиданок ҷалбнашуда, оворагард, ба қонунвайронкунӣ моил ва беназорату бепарастормонда, андешидани чораҳо ҷиҳати ба таҳсил ҷалб намудан ва бо чораҳои солимгардонӣ фаро гирифтани онҳо | 3.1. Шумораи ноболиғони мавриди таваҷҷуҳ қарордодашуда<br>3.2. Номгӯй, моҳият ва шумораи тадбирҳои андешидашудаи солимгардонӣ нисбати онҳо | Мунтазам | МИМҲД, ВМИ, ВКД, КҶВ, ВТҲИА, АСИН |
| **3. ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ТАҲКИМИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ АҲОЛӢ** | | | | | |
| 7. | Тақвияти минбаъдаи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани | 1) Таъмини иҷрои бемайлони ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон, ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузорӣ ва механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон | Мавриди пайгирӣ ва татбиқ қарор гирифтани тавсияҳои даврии СММ, ниҳодҳои он ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон | Мунтазам | ВА, ВҲИ, ММҚ, ПГ, ВКД, КДАМ, МИМҲД |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | фарҳанги сиёсии аҳолӣ | 2) Идома додани раванди ҳамроҳшавӣ ва ба тасвиб расонидани конвенсияҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва протоколҳои иловагӣ ба онҳо | Миқдори конвенсияҳо, дигар санадҳо ва протоколҳои иловагӣ ба онҳо, ки нав ба тасвиб расонида шудаанд | Мунтазам | ВКХ, ВА, ВҲИ |
| | | 3) Ба роҳ мондани мониторинги пайвастаи раванди иҷрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорат ва таъмини иҷроиши саривақтии онҳо | 3.1. Шумора ва натиҷаҳои мониторинги иҷрои санадҳои зикргардида<br>3.2. Дараҷаи (шумора ва фоизи) иҷрои чорабиниҳои пешбининамудаи санадҳои номбурда | Мунтазам | ВҲИ, ВА, ПГ, ВКД, КДАМ |
| | | 4) Иҷрои Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумшурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, таҳти №643 тасдиқ шудааст, инчунин таъмини фаъолияти муътадили сомонаҳои расмии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ба ин восита беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба иттилоот ва хизматрасониҳои давлатӣ | 4.1. Пурра иҷро гардидани Консепсия<br><br>4.2. Беҳшавии назарраси фаъолияти сомонаҳои расмӣ | Мунтазам | АИТР, вазорату идораҳо, МИМҲД |
| | | 5) Бо ҷалби олимон ва сиёсатшиносон мунтазам баргузор намудани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги сиёсии аҳолӣ, огоҳии шаҳрвандон аз равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир, дарки дурусти рӯйдодҳо, шарҳи моҳияти низоъҳои минтақавию байналмилалӣ, тамоюлҳои экстремизм ва терроризм, тарғиби таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмии мазҳабӣ | 5.1 Миқдори барномаҳо<br>5.2. Боло рафтани маърифати сиёсии аҳолӣ | Мунтазам | КТР, АМИ, МТС |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Такмил додан ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии ҳифзи ҳуқуқи инсон | 1) Таҳти назорати қатъӣ қарор додани рафти иҷрои Барномаи давлатӣ доир ба ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон, таъмини иҷрои пурраи он дар муҳлатҳои муқаррааргардида | 1.1. Дараҷаи (фоизи) иҷрои Барнома дар муҳлатҳои муқарраршуда<br>1.2. Шумораи тадбирҳо доир ба тезонидани иҷрои Барнома | Мунтазам | ВА, СО, ПГ |
| | | 2) Тақвият бахшидани чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла манъи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф | Миқдори семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои омӯзишӣ | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК дар ҳамкорӣ бо ТҒ ва ташкилотҳи байналмилалӣ |
| | | 3) Таҳти назорати қатъӣ қарор додани риоя ва иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, ташкилот ва муассисаҳо | 3.1. Миқдори санҷишҳо<br>3.2..Миқдори қонунвайронкуниҳои ошкоршуда ва чораҳои андешидашуда | Мунтазам | ПГ |
| | | 4) Аз нав эҳё ва аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ кардани қабулгоҳҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳама шаҳру ноҳияҳо, бахусус дар минтақаҳои сераҳолӣ ва дурдасти кишвар | Шумораи қабулгоҳҳои барқароргардида ва бо маблағгузории буҷетӣ фарогирифташудаи Ваколатдор | 2026-2030 | ВҲИ, ВМ, МИМҲД |
| **4. ТАҲКИМИ НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ ДИНӢ ДАР ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ** | | | | | |
| 9 | Баланд бардоштани маърифати динии аҳолӣ, бахусус наврасону ҷавонон | 1) Ташхис, арзёбӣ ва такмили барномаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ оид ба масъалаҳои диншиносӣ аз нигоҳи кифояти онҳо барои ташаккули донишҳои ҳаддалимкон мукаммал, ки тавонанд наврасону ҷавононро аз фирефташавӣ ба ташвиқоти экстремистӣ эмин | 1.1. Таъсиси гурӯҳи корӣ ҷиҳати ташхис ва арзёбии барномаҳои номбурдаи таълимӣ<br><br>1.2. Амалан такмил додани барномаҳои таълимӣ дар соҳаи | 2026 -2027 | ВМИ, ККДТҶМ, АМИ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | доранд | диншиносӣ | | |
| | | 2) Баргузор намудани чораҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути барномаҳои телевизионӣ ва суҳбату вохӯриҳо бо аҳолӣ ҷиҳати фаҳмонидани оқибатҳои ногувори таълимоти ғайриқонунии динӣ, аз ҷумла ифротишавӣ ва гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои тундрав бо овардани намунаҳои ин зуҳурот | Шумораи барномаҳои телевизионӣ ва суҳбату вохӯриҳо бо аҳолӣ | Мунтазам | КТР, МИМҲД ва ККДТҶМ, КДАМ, ВКД ва ДСМЭТ |
| 10 | Тақвияти нақши ташкилотҳои динӣ дар пешгирии экстремизм | 1) Васеътар истифода бурдани зарфияти рӯҳониёни маъруф ва ходимони иттиҳодияҳои динӣ дар пешгирии экстремизм | Ба таври назаррас афзоиш ёфтани иштироки ходимони дин дар пешгирии экстремизм | Мунтазам | ККДТҶМ, ПГ, ВКД, КДАМ, МИМҲД ва СМЭТ |
| | | 2) Таъмин намудани имомхатибон ва ходимони дигари ташкилотҳои динӣ бо маводи методию иттилоотӣ доир ба тарзу усулҳои гузаронидани мубоҳисаҳо ва муколамаҳо, ба онҳо омӯзонидани малакаи кор бо технологияҳои муосири иттилоотӣ | Баланд бардоштани зарфияти ташкилотҳои ватании динӣ дар рақобат бо ташвиқоти экстремистӣ тавассути интернет | Мунтазам | ККДТҶМ, МИМҲД |
| | | 3) Ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати боло бурдани сатҳи забондонӣ ва донишҳои дунявии ходимони динии кишвар дар назди Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, ба ҳамоишҳои илмии (динӣ ва дунявии) минтақавӣ ва байналмилалӣ сафарбар кардани ходимони дин | 3.1. Амалан ташкил намудани курсҳо<br>3.2. Миқдори ходимони дини бо машғулиятҳо фарогирифташуда<br>3.3. Миқдори ходимони дини ба конференсияҳо дар хориҷи кишвар фиристодашуда | Мунтазам | ККДТҶМ, ДИТ, МИМҲД |
| | | 4) Идома додани навсозии барномаи таълимӣ, нақшаҳои таълим ва усулҳои дарсдиҳии фанҳои | 4.1. Тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ дар | Мунтазам | ККДТҶМ ДИТ, ВМИ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | динӣ, таъмин бо китобҳои дарсии муосири динии ба дастовардҳои навтарини илми педагогӣ ва тарзи баёни барои хонандагон фаҳмо таълифшуда дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, чораҷӯӣ намудан ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагони он | соҳаи дин<br>4.2. Фароҳам овардани шароит барои гирифтани таҳсилоти муосири динӣ дар Тоҷикистон ва дар ин замина коҳиш додани майл ба таҳсилоти динӣ дар хориҷи кишвар | | |
| 11 | Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динии аҳолӣ | Таъмини иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», тавсияҳои ниҳодҳои шартномавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба таъмини озодиҳои динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ, озодии сухан ва иттиҳодияҳо мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, фароҳам овардани шароити баробар барои намояндагони ҳама гуна дину мазҳабҳо, пешгирии ҳама шаклҳои табъиз нисбати шахсони мансуб ба ақаллиятҳои динӣ | Беҳтар гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шохисҳои байналмилалӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои динии аҳолӣ | Мунтазам | ККДТҶМ, ВА, ВҲИ, ПГ, ВКД, КДАМ МИМҲД, МХШД |
| **5. ТАКМИЛИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ ИСТИФОДАБАРИИ ИНТЕРНЕТ БО МАҚСАДҲОИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТӢ** | | | | | |
| 12 | Тақвияти таъминоти моддию техникии мақомоти ваколатдори соҳа | Таъмин намудани Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо технологияи навтарини иттилотию коммуникатсионӣ, барномаҳои махсуси истифода аз зеҳни сунъӣ ва кадрҳои баландихтисоси соҳаи кор бо технологияи муосир | Тақвият ёфтани зарфияти ниҳодҳои миллӣ дар соҳаи муқовимати технологию иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм | Мунтазам | ХА, ПГ, ВКД, КДАМ, АИТР ВМ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Истифодабарии имкониятҳои интернет ҷиҳати пешбурди ташвиқоти васеи зиддиэкстре-мистӣ | Пахши мунтазами хабару гузоришҳо оид ба ҷараёни чорабиниҳои профилактикӣ, мақолаҳо, видеороликҳои кӯтоҳ оид ба хавф ва пешомадҳои ногувори экстремизм, панду насиҳати бузургон, шеъру шиорҳои ватандӯстона ва ғайра дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот | Ғанӣ, пурмазмун ва самаранок гардидани ташвиқоти зиддиэкстремистӣ дар шабакаи интернет | Мунтазам | ПГ, ҳама СМЭТ |
| 14 | Тақвияти ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ | 1) Баҳри таъмини дастрасии саривақтӣ ба иттилоот беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет, таъмин намудани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст | Тағйиротҳои мусбии сифат, суръат ва арзиши хизматрасониҳои интернетӣ, таъмини дастрасии он дар минтақаҳои дурдаст | Мунтазам | ХА |
| | | 2) Вусъат бахшидани ҳамкориҳои мақомоти ваколатдори соҳа бо операторони алоқаи мобилӣ, провайдерони интернет ва бонкҳои тиҷоратӣ дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм, истифода намудани имкониятҳои мутахассисони онҳо ҷиҳати таҳияи барномаҳои махсуси электронии пешгирикунандаи экстремизм, ошкоркунии шабакаҳои махсуси террористӣ ва пешгирии киберҷиноятҳо | Муттаҳид намудани кушишҳои мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти пешгирии итттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм | Мунтазам | ХА, ПГ, ВКД, КДАМ, БМТ, бонкҳои тиҷоратӣ |
| 15 | Маҳдуд намудани бозиҳои электронии тарғибкунандаи зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм | 1) Муайян ва тасдиқ намудани намудани номгӯи бозиҳои электронии тарғибкунандаи зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм | 1.1. Таъсиси гурӯҳи корӣ барои муайян намудани номгӯи бозиҳои электронии тарғибкунандаи зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм<br>1.2. Таҳия ва тасдиқ намудани феҳристи чунин бозиҳои компютерӣ ва механизми даровардани тағйирот ба он | 2026 | ВФ, ХА, ПГ, ВКД, КДАМ, КҶВ |
| | | 2) Омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳо доир ба | Пешниҳод гардидани | 2027 | ВФ, ХА, ПГ, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | манъ ё маҳдуд намудани пахши бозиҳои компютерии тарғибкунандаи зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм, пешниҳоди таклифҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | таклифҳои мувофиқашуда ба Ҳукумати мамлакат оид ба манъ ё маҳдуд намудани чунин бозиҳо | | ВКД, КДАМ, ММҚ |
| | | 3) Таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи кӯдакон аз иттилооти барои саломатӣ ва рушди онҳо зараровар» | Лоиҳа таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст | 2026 | ВА, ВФ, ПГ, ВКД, КДАМ, ММҚ |
| **6. ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМҲОИ САМАРАНОКИ МУҚОВИМАТ БО ТАРЗУ УСУЛҲОИ МУОСИРИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ** | | | | | |
| 16 | Таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба узвият дар FATF (Гурӯҳи федеративӣ оид ба мубориза бо пулшӯӣ) | 1) Мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалии FATF вобаста ба муқовимат ба маблағгузории терроризм ва пулшӯӣ | Таъмини сариваќтии иҷрои тавсияҳои FATF | Мунтазам | БМТ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК |
| | | 2) Ташакули механизми самараноки мониторинг ва пайгирии амалиётҳои бонкӣ-молиявӣ ва транзаксияҳои шубҳанок, роҳандозӣ намудани арзёбии миллии хавфҳои нави маблағгузории терроризм | 2.1. Механизми мониторинг ташкил карда шудааст<br>2.2. Арзёбии миллии хавфҳо ба роҳ монда шудааст | Мунтазам | БМТ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК |
| | | 3) Тақвият бахшидани ҳамкориҳо байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон доир ба ошкор ва пешгирӣ намудани маблаґузории терроризм | Миқдори ҳолатҳои ошкоршуда ва чораҳои андешидашуда | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК, БМТ |
| | | 4) Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истифодаи тарзу усулҳои нав ва пинҳонкоронаи маблағгузории терроризм | Лоиҳаи қонунҳои дахлдор омода ва пешниҳод шудаанд | 2026-2029 | ПГ, ВКД, КДАМ, ММҚ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| 17 | Пешгирии фиребкорона истифода бурдани кортҳои бонкии дигар шахсон ва ҳамёнҳои электронӣ барои маблағгузории терроризм | Ба роҳ мондани мониторинги пайвастаи шабакаи интернет бо мақсади муайян намудани ҳамёнҳои электронӣ ва реквизитҳои корти бонкӣ, ки метавонанд барои ҷамъоварӣ ва интиқоли маблағҳо ба мақсадҳои террористӣ истифода шаванд, масдуд (блокировка) намудани амалиётҳои молиявӣ | Теъдоди ҳолатҳои ошкоршудаи истифодаи кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ бо мақсади маблағгузории терроризм | Мунтазам | БМТ, ХА, СО, ВКД, КДАМ, ПГ, бонкҳои тиҷоратӣ |
| 18 | Ташакули фарҳанги истифодабарии кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ | 1) Роҳандозӣ намудани барномаи таълимии муфассал барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дар мавзуи «Истифодаи бехатари воситаҳои пардохтӣ» | Миқдори муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо барномаҳои таълимии номбурда ҷорӣ карда шудаанд | 2026-2030 | ВМИ, БМТ |
| | | 2) Пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, омода ва пахш намудани видеонаворҳои кӯтоҳ бо шарҳи оқибатҳои саҳлангорӣ дар истифодаи кортҳои бонкӣ, аз ҷумла ба каси дигар додани онҳо | Миқдори чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ (суҳбату вохӯриҳо) дар байни аҳолӣ ва видеонаворҳои кӯтоҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ | Мунтазам | БМТ, ПГ, ВКД, КДАМ, МИМҲД, бонкҳои тиҷоратӣ |
| **7. ТАЪСИРРАСОНӢ БА ОМИЛҲОИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ ДАР ХОРИҶИ КИШВАР** | | | | | |
| 19 | Танзими равандҳои фаъолияти меҳнатӣ дар | 1) Таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар ҷиҳати ҷиддан коҳиш додани сатҳи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони кишвар дар хориҷа | Шумораи ҷойҳои нави кории таъсисшуда ва коҳиши сафари шаҳрвандон ба хориҷа бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ | Мунтазам | ВММША, ВРИС, МИМҲД |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | хориҷа бо инобати шароитҳои навин | 2) Пайваста мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додани қонунгузорӣ оид ба фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ва сари вақт ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба он | Мавҷудияти хулосаҳо аз натиҷаи омӯзиши қонунгузорӣ ва пешниҳоди таклифҳо оиди такмили он | Мунтазам | ВММША, ММҚ, МИМҲД |
| | | 3) Дарёфти бозорҳои нави меҳнат, бастани созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниминтақавӣ доир ба фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, пеш аз ҳама бо кишварҳое, ки ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шаҳрвандонро кафолат медиҳанд | Шумораи созишномаҳои нав оиди фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар бо кафолати ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шаҳрвандон | Мунтазам | ВКХ, ВММША, МИМҲД |
| 20 | Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва забондонии шаҳрвандон ҳангоми мусофират ба хориҷа | 1) Тақвияти омодагии томуҳоҷиратии шаҳрвандон, мунтазам баргузор намудани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ, забономӯзӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ бо шаҳрвандоне, ки бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ ба хориҷи кишвар сафар менамоянд | Шумораи чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддат | Мунтазам | ВММША, МИМҲД дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд |
| | | 2) Байни шаҳрвандон паҳн кардани маводи иттилоотию тавзеҳотӣ дар шакли буклетҳо, плакатҳо ва дастурҳо оид ба қонунгузории кишварҳои будубош, ҳуқуқ ва ухдадориҳои шахсоне, ки бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ сафар менамоянд, тарзу усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо ва суроғаи намояндагиҳои хориҷии Тоҷикистон дар ин кишварҳо | Шумораи мавводи иттилоотию тавзеҳотии паҳншуда | Мунтазам | ВКХ ВММША, МИМҲД дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3) Роҳандозӣ намудани чораҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешгирикунанда дар фурудгоҳҳо ва роҳи оҳан ҷиҳати пешгирӣ намудани сафари шаҳрвандон бо нияти муҳоҷирати меҳнатӣ бидуни ҳуҷҷатҳои зарурӣ, бо ҳуҷҷатҳои нуқсондор, қабл аз гузаштани муҳлати ихроҷ (депортатсия), бо худ бурдани маводи манъшуда ва дигар камбудиҳое, ки метавонанд боиси бозпас гардонидани онҳо шаванд | 3.1. Шумораи чораҳои фаҳмондадиҳӣ ва мусофирони бо ин чорабиниҳо фарогирифташуда<br>3.2. Миқдори ҳолатҳои пешгиришудаи сафар бидуни омодагии зарурӣ | | ПГ, ВКД, ХГ, КДАМ, ВКХ, ВММША, ҶСК «Фурудгоҳи байналмилали Душанбе» КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» |
| 21 | Ҳифзи шаҳрвандони барои амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ сафаркарда аз мағзшӯӣ ва ташвиқоти экстремистӣ | 1) Гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва пурсишҳо дар байни шаҳрвандони барои амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ сафаркарда оид ба сабаб ва шароитҳои ба ҷалбкунии онҳо аз ҷониби ташкилотҳои тундрав дар хориҷи кишвар мусоидаткунанда ва дар ин замина коркард намудани чораҳои самараноки ҳимоя кардани онҳо аз таъсир ва ташвиқоти ташкилотҳои экстремистӣ | Даврият, шумора ва фарогирии таҳқиқотҳо | Мунтазам | МТС, ВКХ, ПГ, ВММША |
| | | 2) Омӯзиши масъалаи муттаҳид намудани намояндагиҳои ҳама вазорату идораҳои кишвар ҳамчун зерсохтори сафоратҳои Тоҷикистон дар кишварҳое, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият мекунанд, дар ин хусус пешниҳод намудани таклиф ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қонунгузорӣ таҳлил карда шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди асоснок манзур карда шудааст. | 2026 | ВКХ, ВКД, ВММША, ПГ, ВРИС, ВМ |
| **8. АМИҚГАРДОНИИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ** | | | | | |
| 22 | Тақвияти раванди ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 1) Таъмин ва назорати иҷрои бемайлони Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатӣ дар ин самт | Дараҷаи (фоизи) иҷрои Стратегия ва дигар барномаҳои давлатӣ дар ҳар марҳала ва муҳлатҳои муқарраршуда | Мунтазам | ВА, СРИҶҶ, ВМ, ПГ, МИМҲД |
| | | 2) Дар сатҳи наздик ба стандартҳои | Беҳшавии ҷиддии нишондодҳо | Мунтазам | СРИҶҶ, ВМ, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | байналмилалӣ ба роҳ мондани ҷалби маҳкумшудагон ба меҳнат, пардохти музди меҳнат, муҳайё намудани шароит барои таҳсил, варзиш, амалӣ намудани эҳтиёҷоти фарҳангӣ ва фароғат барои маҳкумшудагон | дар қиёс бо давраҳои пешин ва дар таносуб бо стандартҳои байналмилалӣ | | ВҲИ, ПГ, МИМҲД |
| | | 3) Таҳти назорати қатъӣ қарор додани шароити нигоҳдории маҳкумшудагон ва риояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо | Шумораи чораҳои санҷишию назоратӣ ва миқдори қонунвайронкуниҳои ошкор ва бартарафшуда | Мунтазам | СРИҶҶ, ВА, ПГ, ВҲИ |
| 23 | Пешгирии паҳншавии ақидаҳои ифротӣ, ошӯб ва ва бетартибиҳои оммавӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ | 1) Пурра анҷом додани тадбирҳо оид ба бунёд намудани муассисаи ислоҳии навъи камеравӣ барои ҷойгир намудани ашхоси маҳкумшуда барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта | Фоизи иҷрои нақшаи корҳои сохтмонӣ дар муассисаи навъи камеравӣ | То соли 2030 | ВА, СРИҶҶ, ВМ |
| | | 2) Бо омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳо бознигарӣ намудани низоми корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷиҳати ташаккули низом ва амалияи самараноки ошкор ва пешгирӣ намудани амалҳои террористӣ, ошӯбҳо ва бетартибиҳои оммавӣ дар ин муассисаҳо | Беҳтар гардидани самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ | Мунтазам | СРИҶҶ, ВКД, КДАМ |
| | | 3) Тақвияти зарфиятҳои техникии пешгирии воридшавии ашёҳои манъшуда ба ҳудуди муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин тайёркунии олоти ҳуҷум дар дохили худи муассисаҳо | 3.1. Миқдори муассисаҳои илоҳии аз нав таҷҳизонидашуда<br>3.2. Афзоиши ҳолатҳои ошкор ва пешгирӣ намудани воридоти ашёҳои манъшуда ва олотҳои худсохти ҳуҷум дар муассисаҳо | Мунтазам | СРИҶҶ, ВМ, |
| 24 | Тақвияти заминаҳои ҳуқуқии пешгирии экстремизм дар муассисаҳои | 1) Ба қонунгузории кишвар ворид намудани тағйиру иловаҳо дар бораи имконпазирии аз дигар маҳкумшудагон ҷудо нигоҳ доштани шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ маҳкумшуда | Таҳия ва пешниҳод гардидани лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ | 2026 | ВА, ПГ, ММҚ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ислоҳӣ | 2) Баррасии масъалаи ҷорӣ намудани низоми пробатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи қонуни дахлдор дар ин хусус | Таҳия ва пешниҳод гардидани лоиҳаи қонун | 2027 | ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, ММҚ, МИМҲД |
| 25 | Такмили донишҳои касбии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ доир ба тарзу усулҳои дохилимаҳбасии пешгирии экстремизм | 1) Таъсис додани Маркази таълимӣ дар сохтори СРИҶҶ Вазорати адлия ҷиҳати бо кормандони мақомот Мунтазам гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ доир ба усулҳои фаъолияти профилактикӣ бо маҳкумшудагони гузаштаи экстремистӣ-террористидошта | Таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани Маркази таълимӣ | То соли 2028 | ВА, СРИҶҶ, ВМ |
| | | 2) Такмил додани тахассуси касбии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар самти кор бо маҳкумшудагони тундгаро, моил ба кирдорҳои экстремистӣ ва террористӣ бо омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳо | 2.1. Миқдори семинар – тренингҳои дохилӣ<br>2.2. Миқдори кормандони бо ин мақсад ба кишварҳои хориҷӣ сафарнамуда | Мунтазам | ВМ, СРИҶҶ, ВА, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд |
| **9. ТАШАККУЛИ АМАЛИЯИ АЗ ЛИҲОЗИ ГЕНДЕРӢ ҲАССОСИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ** | | | | | |
| 26 | Баланд бардоштани фаъолнокии занон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат | 1) Қотеъона пайгирӣ намудани талаботи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар бораи то соли 2030 ба 30% расонидани ҳиссаи занон дар хизмати давлатӣ ва 25% дар вазифаҳои роҳбарикунанда | Ба сатҳи муқарраршуда баробар гардидани ҳиссаи занон | Мунтазам | ККЗО, АХД, дигар вазорату идораҳо ва МИМҲД |
| | | 2) Вусъат додани тадбирҳо доир ба баланд бардоштани саводнокии занону духтарон ва омӯзонидани таърихи сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ | Шумора ва мувофиқати мавзуъгии чорабиниҳо | Мунтазам | ККЗО, АХД, дигар вазорату идораҳо ва МИМҲД |
| | | 3) Назорати қатъии иҷрои барномаҳои давлатӣ дар самти офиятбахшӣ ва барқарорсозии занону кӯдакони аз минтақаҳои ҷангӣ баргардонидашуда ва дигар барномаҳои давлатӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои занону кӯдакон | Занону кӯдакони аз минтақаҳои ҷангзада ёбаргардонидашуда офият бахшида шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар занону кӯдакон ҳимоят карда шуданд | Мунтазам | ВТҲИА, ККЗО, ПГ, ВКД, дигар субъектҳои иҷрои стратегияҳо ва ва барномаҳои давлатӣ дар ин самт |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 27 | Тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қишрҳои осебпазири занон | 1) Ташаккули маълумотҳои пурра оид ба занони дар шароити душвори иқтисодиву иҷтимоӣ қарордошта, бесаробон, аз таҳсил дурмонда, шавҳаронашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта, аз минтақаҳои ҷангзада баргардонидашуда, аъзои оилаашон дар амалҳои экстремистию террористӣ дастдошта, дастгирии иқтисодию иҷтимоӣ ва пешгирии рӯҳияи экстремизм дар байни онҳо | Коҳиш ёфтани доираи занони аз лиҳози ташвиқоти экстремистӣ осебпазир | 2026-2027 | МИМҲД |
| | | 2) Ҷоннок намудани фаъолияти марказҳои психологӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, таъсис додани марказҳои кӯмаки ҳуқуқӣ ва равонӣ ба онҳо | Фаъолгардии марказҳои психологӣ, афзоиши шумораи марказҳои кумаки ҳуқуқӣ ва равонӣ | Мунтазам | ВТҲИА, ВКД, ККЗО, МИМҲД |
| | | 3) Санҷишу таҳлили пайвастаи сабабу омилҳои ба худкушӣ даст задани занону духтарон, таъмини дастрасии онҳо ба хизматрасонии равоншиносон дар маҳалҳо | 3.1. Баргузор намудани таҳлилҳои ҳуқуқию ҷамъиятии сабабу омилҳои худкушии занону духтарон<br>3.2. Таъмини хизматрасонии психологӣ дар маҳалҳо | Мунтазам | ПГ, МТС, ККЗО, ВТҲИА, МИМҲД |
| 28 | Баланд бардоштани самаранокии амалияи аз лиҳози гендерӣ ҳассосӣ пешгирии экстремизм | 1) Бо омӯзиши таҷрибаи тафтишотию судӣ бо парвандаҳои ҷиноятии марбут ба экстремизм ва терроризм муайян намудани шаклу усулҳои мағзшӯӣ ва ба гурӯҳҳои экстремистӣ ҷалб гардидани занону духтарон, пешниҳоди натиҷаҳои он ба субъектҳои дахлдор ҷиҳати истифода дар ташвиқоти зиддиэкстремистӣ | 1.1. Роҳандозӣ гардидани омӯзиши таҷрибаи тафтишотию судӣ<br>1.2. Ба ҳама субъектҳои дахлдор ирсол гардидани натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳо | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, СО |
| | | 2) Зиёд намудани шумораи занон дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар субъектҳои пешгирии экстремизм, таъмини мувозинати гендерӣ дар ҳайати гурӯҳҳои таблиғотӣ | Афзоиши шумораи занон дар мақомот, субъектҳо ва гурӯҳҳои номбурда | Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, АНМН, МИМҲД ва ДСМЭТ |
| | | 3) Муайян (таъин) кардани кормандони доимии ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти ҷанбаҳои гендерии мубориза бо экстремизм ва терроризм масъул дар ҳама мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти кудратии кишвар | Қабули фармоишҳои дахлдор оид ба муайян (таъин) намудани кормандони доимӣ дар ин самт | 2026-2027 | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 4) Ба роҳ мондани чорабиниҳои омӯзишӣ дар мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ доир ба тарзу усулҳои ба инобат гирифтани ҷанбаҳои гендерӣ дар фаъолияти корӣ ва татбиқи қонунгузорӣ дар ин самт | Миқдори чорабиниҳои омӯзишӣ ва кормандони бо онҳо фарогирифташуда | Мунтазам | ПГ, ККЗО, ВКД, КДАМ, СО |
| **10. БОЗГАРДОНИИ ШАҲРВАНДОН АЗ МИНТАҚАҲОИ АМАЛИЁТҲОИ ҶАНГӢ ВА ШАХСОНИ БАРОИ СОДИР НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТӢ ДАР КОФТУКОВ ҚАРОРДОШТА** | | | | | |
| 29 | Бозгардонии шаҳрвандон аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ ва истирдоди шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистию террористӣ дар кофтуков қарордошта | 1) Тақвияти корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ, бахусус волидон ва дигар аъзои оилаи шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ қарор доранд, ҷиҳати моил намудани онҳо ба бозгашти ихтиёрӣ | Миқдори чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ | Мунтазам | ВКД, ПГ, КДАМ, КҶВ, ККЗО, ККДТҶМ, МИМҲД, МХШД |
| | | 2) Пурзӯр намудани корҳои фаврию ҷустуҷӯӣ доир ба муайян намудани макони будубош ва ба Ватан баргардони шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ қарор доранд ва шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистию террористӣ дар кофтков қарордошта | Шумораи шахсони муайншуда ва баргар-донидашуда | Мунтазам | ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК, дигар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ |
| | | 3) Боз ҳам васеътар истифода бурдани механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ирсоли дархостҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, дастгир ва истирдоди ҷинояткорон дар ин ҷода | Шумораи дархостҳои ирсолшуда ва иҷрошуда | Мунтазам | ВКХ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК |
| | | 4) бо мақсади пешгирӣ намудани сафарҳои террористон тавассути сарҳадҳо - ҷорӣ намудани низоми электронии гирифтани маълумоти пешакии мусофирон (API\PNR) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайваст намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ ба он | Амал намудани низоми API\PNR ва пайваст шудани мақомоти давлатӣ ба он, аз ҷумла ба махзанҳои Политсияи байналмилалӣ | То соли 2030 | ВКХ, ПГ, ВКД, ВМ, СҚС КДАМ, ХА, ААГ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 30 | Ҳавасмандгардонии бозгашти ихтиёрии шахсони дар кофтуков қарордошта | 1) Вусъат додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба иҷрои талаботи эзоҳи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсони ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористӣ содирнамуда | Шумораи ҳолатҳои бо иҷрои эзоҳот аз ҷавобгарӣ озод намудани шахсони номбурда | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ |
| | | 2) Ба самъи аҳолӣ расонидан ва дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ тарғиб кардани рафти иҷрои талаботи эзоҳи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсони дар кофтков қарордошта | Шумораи гузориш ва интишорот оид ба рафти иҷрои эзоҳот | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, КТР, МИМҲД |
| | | 3) Омӯзиши имконияти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани дигар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ ва васеъ намудани асосҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо дар қонунгузорӣ | Бо омӯзиши қонунгузории ҷиноятӣ тавассути иҷрокунандаи аввали ин банд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидани таклифҳо | 2027 | ПГ, ВКД, КДАМ, ВА, АНДМК, АНМН, ММҚ |
| | | 4) Бо чораҳои солимгардонии умумӣ ва инфиродии барқарорсозӣ фаро гирифтани шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористии дар кофтуков қарордошта, ки бо иҷрои эзоҳи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятӣ аз ҷавобгарӣ озод карда шудаанд | Миқдори чунин шахсони бо чораҳои барқарорсозӣ ва офиятбахшӣ фарогирифташуда | Мунтазам | ВКД, КДАМ, ВТҲИА, АСИН, ПГ ва дигар субъектҳои офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ |
| **11. ОФИЯТБАХШӢ, БАРҚАРОРСОЗӢ ВА БА ҲАЁТИ МУҚАРРАРӢ МУТОБИҚ НАМУДАН ШАХСОНИ ГУЗАШТАИ ЭКСТРЕМИСТӢ Ё ТЕРРОРИСТИДОШТА** | | | | | |
| 31 | Таъмини иҷрои саривақтӣ ва самараноки барномаҳои давлатӣ дар ин | 1) Ба роҳ мондани мониторинги пайвастаи раванди иҷрои барномаҳои давлатӣ дар ин самт, таҳти назорати қатъӣ қарор додани риояи муҳлат ва сифати иҷрои чорабиниҳои дар онҳо пешбинишуда | Иҷрои саривақтии барномаҳои давлатӣ дар ин самт | Мунтазам | ПГ, дигар субъектҳои фаъолияти офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | самт | 2) Таъмини маблағгузории пурраи барномаҳои давлатӣ дар ин самт, ҷалб намудани таваҷҷуҳи шарикони рушд ба ин масъала | Фоизи иҷрои нақшаҳои маблағгузорӣ | Мунтазам | ПГ, ВМ, МИМҲД, субъектҳои фаъолияти офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ |
| | | 3) Ҳарчи зудтар анҷом додани марҳилаи ташкилии Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029 ва Барномаи омӯзиши касбӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда барои солҳои 2025-2030 | Дар муҳлатҳои пешбинишуда анҷом додани марҳилаи ташкилӣ | 2026 | СРИҶҶ, дигар субъектҳои фаъолияти офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ |
| 32 | Ҳадафнок ба роҳ мондани чораҳои барқарорсозию офиятбахшӣ | Таҳия ва мавриди истифода қарор додани дастурҳои методӣ оид ба хусусият, тарзу усулҳо, доираи иштирокчиён ва мавзуъи тадбирҳои профилактикӣ дар раванди татбиқи чораҳои офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ, аз ҷумла норавоии пастзанӣ (стигматизатсия)-и шахсони бо чунин чораҳо фарогирифташуда | Таҳия ва амалӣ гардидани дастурҳои методӣ | 2026-2027 | ПГ, ВКД, КДАМ, МИМҲД, дигар субъектҳои фаъолияти офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ |
| 33 | Тақвияти зарфияти ниҳодҳои дар ин самт масъул | Баланд бардоштани сатҳи тахассус ва омодагии касбии кормандони ниҳодҳои дар ин самт масъул, содда намудани расмиёти омода намудани ҳуҷҷатҳои шахсони баргашта ва фарзандони онҳо, ҳамчун оилаҳои эҳтиёҷманд ба қайд гирифтан, таъминот бо ҷойи кор, таҳсил, шароити зист, дастигии молиявӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба онҳо | Тезонидани раванди барқарорсозӣ ва офиятбахшӣ | Мунтазам | ВКД, ВТҲИА, ПГ, МИМҲД, дигар субъектҳои фаъолияти офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **12. ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲО БАЙНИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ, ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | | |
| 34 | Мусоидат ба тақвияти зарфиятҳо ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии экстремизм | 1) Ҳавасмандгардонии машғулшавии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм | Афзоиши шумораи иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ба ин самти фаъолият машғуланд | Мунтазам | ВА, ВҲИ, КҶВ, ККЗО, МИМҲД, МХШД дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд |
| | | 2) Дастгирии ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани донишҳои касбии аъзоёни онҳо | Тақвият ёфтани зарфиятҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | Мунтазам | ВА, МИМҲД, ВМ, ПГ |
| | | 3) Ҳавасманд гардонидани иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, чорабиниҳо доир ба пешгирии экстремизм | 3.1. Миқдор ва моҳияти тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ<br>3.2. Миқдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатии таҳияшуда ва чорабиниҳо бо иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | Мунтазам | ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, КҶВ, ККЗО, МИМҲД |
| 35 | Ташаккули платформаҳои нави ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ | 1) Бо омӯзиши самти фаъолият ва зарфиятҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис додани Шабакаи иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм фаъолият мебаранд | Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати мусоидат ба таъсис ва ташкили фаъолияти Шабакаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2026-2027 | ПГ, ВА, ВКД, МИМҲД |
| | | 2) Аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдори давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимону коршиносон ва ташкилотҳои байналмилалӣ тақвият бахшидани фаъолияти Котиботи иҷрои Стратегияи мазкур, равона намудани фаъолияти он ба таҳкими ҳамкориҳо байни ин ниҳодҳо ва аз байн бурдани монеаҳо дар роҳи тақвияти ҳамкориҳо | Ҷоннок гардидани фаъолияти Котиботи Стратегия | Мунтазам | ПГ, шарикони рушд, ИҶ |
| | | 3) Ба чорабиниҳои пешгирии экстремизм ва терроризм ҷалб намудани доираи ҳарчи бештари иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва | Таҳия ва амалӣ гардидани барномаҳои муттасил ва бардавоми ҳамкориҳо бо | Мунтазам | Ҳама СМЭТ тавассути ПГ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ташкилотҳои байналмилалӣ, роҳандозӣ намудани ҳамкориҳо байни онҳо тариқи барномарезии муттасил ва бардавом | иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ | | |
| | | 4) Муштаракан амалӣ намудани лоиҳаҳо бо кишварҳои донор, ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм | Паст шудани сатҳи экстремизм дар ҷомеа | Мунтазам | ПГ ва дигар СМЭТ тавассути ПГ |
| **13. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ, ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНӢ ВА ТАҚВИЯТИ ОМОДАГӢ БА РАФЪИ ҲАМЛАҲОИ ТЕРРОРИСТӢ** | | | | | |
| 36 | Такмили қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои марбут ба экстремизм ва терроризм | 1) Тезонидани таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, дар ин раванд дақиқтар намудани таркиби ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ, мушаххас кардани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ | Қабул гардидани Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав бо дақиқ ва аз ҳам фарқ намудани ҷиноятҳо ва кирдорҳои марбут ба экстремизм ва терроризм | 2026-2027 | Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав |
| | | 2) Таҳлили муқоисавии муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва «Дар бораи муқовимат ба терроризм» бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ҷиҳати бартараф намудани ихтилофоти имконпазир ва интихоби муносибати ягона нисбати мафҳумҳои асосӣ ва таркиби ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятҳо | 2.1.Таъсиси гурӯҳи корӣ ҷиҳати гузаронидани таҳлил<br>2.2. Таҳияи таклифу пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ | 2026-2027 | ПГ, ВА, ВКД, КДАМ дар ҳамкорӣ бо ИҶ ва ташкилотҳои байналмилалӣ |
| | | 3) Муайян ва тасдиқ намудани феҳристи дақиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ | Қабули санади дахлдор дар бораи тасдиқ намудани феҳристи ҷиноятҳои марбут ба экстремизм ва терроризм | 2027 | ПГ, ВА, ВКД, КДАМ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 4) Афзалият додан ба истифодаи чораҳои пешгирикунанда нисбати шахсоне, ки бори аввал ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷинояти камаҳаммияти дорои хусусияти экстремистиро содир намудаанд | Кам шудани шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ | Мунтазам | ПГ, ВА, ВКД, КДАМ |
| 37 | Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ин ҷода | 1) Таҳияи тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» | Бо таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ ва ҷалби олимону коршиносон тафсирҳо таҳия ва нашр гардидаанд | 2028 | ПГ, ВА, ВКД, КДАМ, ДМТ, ММҚ, шарикони рушд |
| | | 2) Таҳия ва қабули Дастури якҷояи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ташаккули механизми дақиқ ва амалияи ягонаи иҷрои эзоҳи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ | 2.1. Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Дастури якҷоя таъсис дода шудааст<br><br>2.2. Дастури якҷоя таҳия ва тасдиқ гардидааст | 2026- 2027 | ПГ, ВА, ВКД, КДАМ, АНДМК, АНМН |
| | | 3) Тақвият бахшидани фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ доир ба муайян намудани манбаъҳои маҳаллии ташвиқи экстремизм, ҳалқаҳои хуфтаи ташкилотҳои террористӣ, ҷалбкунандагони ҷавонон ба сафҳои ташкилотҳои экстремистию террористӣ бо истифода аз таҷрибаи дигар кишварҳо | Баланд гардидани самаранокии фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ дар ин самт | Мунтазам | ВКД, КДАМ, АНДМК, ГМ, АНМН |
| | | 4) Таҳияи тавсияҳои методӣ, гузоришҳои таҳлилӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами мубориза бар зидди мафкураи зӯроварӣ, тундгароӣ, экстремизм ва терроризм, инчунин баланд бардоштани самаранокии иҷрои қонунгузорӣ дар ин соҳа | Шумораи тавсияҳои методӣ, гузоришҳои таҳлилӣ, ҷамъбастҳо ва мактубҳои итттилоотӣ дар ин самт | Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, АНДМК, АНМН |
| | | 5) Интишори мавод дар бораи рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба амалҳои террористӣ ва дастгирии идеологияи экстремистӣ | Шумораи гузоришҳо ва интишорот | Мунтазам | КДАМ, ПГ, ВКД, АНДМК |
| 38 | Тақвияти | 1) Боз ҳам тақвият бахшидани инфрасохтори | Ташаккули садди устувор дар | Мунтазам | КДАМ, ВКД, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | омодагӣ ба рафъи ҳамлаҳои имконпазири гурӯҳҳои террристӣ | сарҳадӣ, ҳамкориҳои субъектҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар манотиқи наздисарҳадӣ, пешгирии воруди гурӯҳҳо ва унсурҳои алоҳидаи экстремистию террористӣ, инчунин аз ҷониби онҳо ворид намудани маводи экстремистӣ ба ҳудуди Ҷумҳурӣ | роҳи воруди гурӯҳҳо, унсурҳои алоҳида ва маводи экстремистӣ ба кишвар | | АНМН, ХГ, ГМ, |
| | | 2) Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини амнияти зиддитеррористӣ ва муҳофизати зиддидиверсионии иншоотҳои махсусан муҳим, бахусус сарбандҳои неругоҳҳои барқи обӣ, таҳти режим қарордошта, инфрасохтори ҳарбӣ ва иншооти хавфи баланди техногению экологидошта ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, ташаккули низоми самараноки огоҳонии саривақтӣ аз офатҳои техногенӣ ва ҳамлаҳои террористӣ | 2.1. Таъмини амнияти иншооти муҳим ва стратегӣ аз тахрибкорӣ<br><br>2.2. Низоми огоҳонии барвақтӣ ташаккул дода, фаъолияти самараноки он таъмин карда шудааст. | Мунтазам | КДАМ, ВКД, АНМН, ВМд, ГМ, КҲФМГ, ҶСК «Фурудгоҳи байналмилали Душанбе , КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» |
| | | 3) Тақвият бахшидани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ, сиёсӣ-тарбиявӣ ва оперативӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ, зиракиву ҳушёрии сиёсӣ, далерию шуҷоат, роҳ наёфтани ақидаҳои экстремистию террористӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ, омодабошии ҷангии қисмҳои ҳарбӣ ва дигар ҷузъу томҳои ҳарбӣ ба рафъи ҳамлаҳои террористӣ | Таъмини омодабошии қисмҳои ҳарбӣ ва дигар ҷузъу томҳои ҳарбӣ | Мунтазам | ВМд, ГМ, КДАМ, ВКД, АНМН, КҲФМГ |
| **14. Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ** | | | | | |
| 39 | Тавсеи бештари ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти | 1) Идома додани нақши пешбарандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ доир ба пешгирии экстремизм, пайгирии фаъолонаи «Раванди Душанбе» | Баргузор намудани ҳамоишҳои сатҳи баланд дар дохил ва хориҷи кишвар | Мунтазам | ВКХ, ПГ, ВКД, КДАМ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | пешгирии экстремизм ва терроризм | 2) Ба имзо расонидани созишномаҳо доир ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, истирдоди ҷинояткорон, бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо ва ҳамкориҳои умумии ҳуқуқӣ бо риояи талаботи қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба маҳдудиятҳо дар мавриди истирдод | Шумораи шартномаҳои нави байналмилалӣ дар ин самт | Мунтазам | ВКХ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН |

ШАРҲИ ИХТИСОРОТ:

АИД - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АМИ - Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
АНДММК - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
АНМН - Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АХД - Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АИТР- Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ- Бонки миллии Тоҷикистон
ВА- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКД - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКХ - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМ- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМд - Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМИ - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВММША - Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВРИС - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВТҲИА - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВҲИ - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВФ - Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
ГМ - Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ДИТ- Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Нуъмон ибни Собит
ДМТ- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ДТИБКСМ- Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф
ИҶ- Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ
КДАМ - Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ККДТҶМ - Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККЗО - Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КОА- Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
КТР - Кумитаи  телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КҲФМГ - Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КҶВ - Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
МИМҲД- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
ММҚ - Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММТ -  Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МТС  -  Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МХШД- Мақомоти худидораи шаҳраку деҳот
ПГ -  Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ПҲ -  Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон
СМЭТ -Субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм ва дар ин муқовимат иштирокунанда
СО -  Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
СРИҶҶ  - Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХА - Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХГ - Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон